Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14 http://www.tgfeu.tj/tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба сиёсати ҷавонони филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии «Донишгоҳи пӯлод ва хӯлаи Москва» дар шаҳри Душанбе ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз аз рӯйи бандҳои дахлдор: 2.14; 3.20; 3.22; 3.25 ва 5.2. мутобиқат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашударо дар бар мегирад.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар ҳақиқат ҷалби сармояи хориҷӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти ҳар як мамлакати алоҳида ба ҳисоб рафта, таъмини рушди он дар шароити муосир аҳамияти муҳимро дорост. Албатта ки дар чунин шароит тавассути сармоягузорӣ ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ дастоварди муҳим ба ҳисоб рафта, дар ин муҳит ташкил намудани иқтисодёти рақобатпазир ва ҳавасманд намудани сармоягузорон имконпазир мегардад. Доир ба ин масъала муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз оне, ки низоми сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавон мебошад ва қадамҳои

аввлини худро ба сӯи рушд ниҳода истодааст, аммо, пешравиро ҳамчун ҳадафи устувор ва доманадори худ қарор додааст.

Иброз доштан зарур аст, ки барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи сармоягузорӣ амиқтар намудани робитаҳои иқтисодию сармоягузории ба манфиати субъектҳои бозори ҷаҳонӣ нигаронидашуда барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва ҷалби ҳарчи бештари онҳо зарур аст.

Тибқи таҳқиқотҳои гузаронидашудаи муаллиф муайян намудан мумкин аст, ки дар шароити муосир, давлат пеш аз ҳама фаъолияти иқтисодии кишварро танзим намуда, барои таъмини субъектони иқтисодӣ бо воситаҳои молиявӣ ва дар ин замина ҷалби сармоягузориро дастгирӣ мекунад, инчунин, заминаи мустаҳкамеро барои ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам ва дар ҳамкории созанда мусоидат менамояд.

Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки муаллиф ниёзи бештар доштани самтҳои афзалиятноки иқтисодии кишварро ба дастгирии молиявӣ таҳқиқ намуда, вобастагӣ ва имкониятҳои онҳоро ҳангоми ҷалби сармоягузориҳо дида баромадааст.

Дар диссертатсия масъалаи ҳамкории давлат бо дигар сармоягузорони дохилӣ ва беруна дида баромада шуда, дар ин бобат қайд гардидааст, ки вазифаҳои муҳими ҳар як давлат тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва рушди ҳамкории сармоягузорӣ бо шарикони рушд мебошад. Ҳамчунин, таъмини рушди равандҳои сармоягузорӣ танҳо аз маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои дохилӣ ва беруна вобаста буда, фароҳам овардани муҳити мусоид пеш аз ҳама тавассути маблағгузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба даст оварда мешавад.

Ҳамзамон, як ҷанбаи дигари муҳими таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Илҳом Нурмаҳматович, ин таҳқиқи масъалаи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар, беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти

сармоягузорӣ, роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва ғайра мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертасия муваффақиятҳои илмии таҳқиқотчӣ ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифиро дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти таъмини устувории фаъолияти сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои он дар шароити муосир зоҳир мегардад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун мувафақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Вобаста ба ин бахши навгониҳои илмии рисола таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ташаккули равандҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, вазъи фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми муосири сармоягузорӣ, маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва баҳодиҳии ҳолати сармоягузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ба он вобаста, ки аз тарафи муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи меҳварӣ мебошанд ва навгониҳои илмӣ инҳоро ташкил медиҳанд:

1. Муаллиф дар рисолаи худ ҷанбаҳои назариявӣ ва методии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро таҳқиқ намуда, дар баробари ин, механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор ҳамчун шарти инкишофи самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи дастгирии молиявии давлат ошкор намудааст.

2. Диссертант дар натиҷаи таҳқиқот хусусиятҳои маблағгузорӣ ба фаъолияти сармоягузориро ошкор намуда, ҳамчунин, дар баробари ин аз тарафи муаллифи диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории

фаъолияти сармоягузорӣ дар заминаи пешгирии хавфҳо ва таҳлили истифодаи самараноки шартҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ муайян гардидаст;

3. Аз тарафи муаллиф дар рисола усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории фаъолияти сармоягузории воқей дар заминаи таъмин намудан бо воситаҳои молиявӣ, рушди инфрасохтору бунёди бозорҳои нави маҳсулот ва инчунин, рақамикунонии фаъолияти хоҷагидории кишвар асоснок гардидааст;

4. Дар доираи таҳқиқот воситаҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин замина дар асоси таҳлили имкониятҳои мавҷуда банақшагирии стратегӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии Сафаров Илҳом Нурмаҳматович ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин қисмат заминаҳои ҷалби сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ ба фаъололияти он ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа ошкорнамоии назариявии заминаҳои татбиқ ва дигар тарзҳои самараноки истифодаи маблағҳои сармоягузорӣ дар хизматрасониро муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина як қатор имкониятҳои нави илмӣ ва амалӣ коркарду пешниҳод гардидаанд, ки дар ин самт муаллиф ба як қатор натиҷаҳо ноил гардидааст.

Дар асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои татбиқи сармоягузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ба ин баробар аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида дар ин самт низ, ки муаллиф тавассути маълумотҳои расмии Кумитаи сармоягузорӣ, Бюллетенҳои оморӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои давлатӣ корбарӣ намудааст, мувофиқи мақсад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур диссертант Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 сербоб (саҳ. 13-57)

таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ҷанбаҳои назариявии ин масъаларо зери таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин дар боби 2-юм ва сеюми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба як қатор дастовардҳои дигари илмӣ низ ноил гардидааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд (саҳ. 58-146). Зеро аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ ва татбиқи маблағгузории он дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Муаллифи рисола Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснок риоя шудаанд: таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии масъала дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Инчунин, муаллифи рисолаи илмӣ дар самти баррасии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва аҳамияти иқтисодии он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро дар сатҳи самаранок истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба амсилаҳои арзёбӣ ва мушаххассозӣ, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишавандаро инъикос менамояд, ҳамчун натиҷа дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2018-2025 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи

рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Гуфтан мумкин аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар макотиби олӣ ва корхонаҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертасияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович барои мушаххасоти ҷараёни пайдапайии таҳқиқоти илмӣ ва даврабандии таҳқиқот вобаста ба нашри маводи илмӣ, вобаста ба самти мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва чоп гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, феҳристи ихтисорҳои истифодашуда, се боб, ҳашт параграф, хулоса, 4 расм, 24 ҷадвал, 2 диаграмма ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки онҳо аз 156 номгӯй иборат мебошанд, иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифа таҳия шудааст.

Диссертант Сафаров Илҳом Нурмаҳматович вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва арзёбии мавзӯи баррасишаванда татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин аст.

Муаллиф дар боби аввали диссертасия "Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ" масъалаҳои назариявии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор, фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми татбиқи он дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ, ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти миллиро мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақияҳо натиҷаи захматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва параграфҳои алоҳидаи он муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсири мусбати он ба рушди иқтисодиётро мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар ин боби рисолаи илмӣ муаллиф ҷанбаҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Дар боби якуми зербоби якум муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ нуқтаи назари олимони мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дар ин маврид андешаи худро вобаста ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст (саҳ. 22). Ҳамчунин дар зербоби дуюми боби якум вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми татбиқи он дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври баррасибардида дар рисолаи муаллиф дидан мумкин аст (саҳ. 30-43).

Дар ҳамин замина муаллифи рисолаи илмӣ маблағгузории фаъолияти сармоягузориро раванди таъмини маблағ барои фаъолияти инвеститсионӣ муҳим ва зарурӣ ҳисоб менамояд. Инчунин, ба фикри муаллиф маблағгузории сармоягузорӣ метавонад аз ҳисоби маблағҳои худӣ ё бо роҳи ҷалби маблағҳои қарзӣ амалӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, ин масъаларо барои ҳарчи бештар ҷалб намудани сармоягузорӣ ва таҳкими равандҳои он истифода бурдан зарур аст, ки ҳамаи инҳоро муваффақияти таҳқиқотчӣ ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамчунин, муаллифи рисола вазифаи асосии ҷалби сармояро дар ташаккул додани заминаи меъёрӣ ва дастурҳои стратегии сиёсати сармоягузорӣ дониста, қайд менамояд, ки бояд сохторҳое таъсис дода шаванд, ки равандҳои сармоягузориро назорат ва механизмҳои ҳавасмандгардониро ҷорӣ намуда, ба дастгирӣ ё маҳдуд кардани намудҳои алоҳидаи сармоягузорӣ мусоидат кунанд (саҳ. 47).

Дар боби дуюм бошад муаллифи рисолаи илмӣ "Таҳлил ва арзёбии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо иловаи таҳлили маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити кунунӣ, таҳлили омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар ва арзёбии иқтисодии маблағгузории сармоягузории воқеӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки муаллифи рисола Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар ин боб як қатор масъалаҳоро аз қабили нишондиҳандаҳои мусоидаткунандаи макроиқтисодии кишвар дар самти маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ, тақсимоти маблағҳо аз рӯйи соҳаҳо дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо, воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҷониби кишварҳои шарик, ҷалби сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳоро мавриди таҳлилу барраси қарор додааст, ки амалкардҳои илмии муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошанд (саҳ. 61-82).

Диссертант иброз медорад, ки сармоягузорӣ дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ накши муҳим мебозад ва рушди иқтисодӣ, дар навбати худ, ба ҷалби бештари сармоя мусоидат мекунад. Вақте ки ширкатҳо ва шахсони алоҳида сармоягузорӣ мекунанд, иловатан ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, технологияҳои нав ворид ва дар натиҷа истеҳсолот васеъ мегардад. Ин ба афзоиши иқтисодиёт мусоидат мекунад. Дар ҳақиқат, гуфтаҳои муаллифи рисола қобили қабул буда, қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза бе истифодаи сармоягузории дохилӣ ва беруна рушд додани иқтисодиёт мушкил аст (саҳ. 62).

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюм муаллифи рисола бошад маблағгузориҳои қарзии низоми бонкӣ ба иқтисодиёт, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳаҳо, омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, таҳлили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ҷараёни молиявӣ нисбат ба ММД ва дигар масъалаҳои муҳими ба ин баробарро таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ. 82-101).

Дар боби сеюми рисолаи илмии муаллиф ба масъалаҳои асосии "Мукаммалнамоии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон" таваҷҷуҳ зоҳир гардида, Беҳтарсозии (оптимизатсия)-и низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор, роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузориро таҳқиқ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ва муваффақиятҳои илмӣ ноил гардидааст, ки ба андеши мо ин дастоварди илмии муаллифи рисола мебошад. Дар илова бо ин гуфтан мумкин аст, ки диссертант Сафаров Илҳом Нурмаҳматович гуфтаҳои мазкурро бо масъалаҳои муҳими зерин асоснок намудааст: усулҳои беҳтарсозии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат, самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ ва ғайраро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ҳамин замина низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо ҳамин мақсад дастовардҳои муаллиф вобаста ба масъалаҳои баррасигардида қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳоли тақризшавандаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертасионии донишҷӯ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертасия дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзуи диссертатсия 4,6 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсия Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар заминаи муқарраротӣ низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида муқадима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти

мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо ба як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", "Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025", "Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026", "Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матини он аз тарафи муаллиф дар матни он пурра инъикос гардидаанд, ки пурра мувафақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо, ки онҳо вобаста ба мавзуъ ба даст оварда шудаанд, натиҷаҳои муваффақиятомези таҳқиқотчиро дар муқаддима ба таври фишурда ва дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса мушоҳида намудан мумкин аст.

## Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъе аз ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба баланд кардани малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ барои

бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотирнишон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар доираи мавзуъ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун шавад ва онҳо иборатанд аз:

1. Дар доираи зербоби якуми боби якум муаллиф бояд бештар аз мақолаҳои тақризшаванда, монографияҳо, таҳқиқоти илмӣ истинод мекард ва баҳси илмӣ сурат мегирифт. Ҳол он ки дар аксари маврид муаллиф ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ розӣ шудааст.

2. Солҳои таҳлилшавандаи якчанд ҷадвал (ҷадвали 2.10) нокифоя буда, давраи таҳлилшавандаи кӯтоҳро дар бар мегирад ва баъзе ҷадвалҳо (ҷадвалҳои 2.5, 2.6, 2.7) танҳо соли 2023-ро дар бар гирифтааст. Ҳамчунин дар баъзе ҷадвалу диаграммаҳо маълумотҳои таҳлилшаванда кам ва нокифоя буда, беҳтар мегардид агар нишондиҳандаҳои таҳлилшавандаро муаллиф бештар истифода менамуд.

3. Дар таҳқиқот, махсусан дар ҷадвалу диаграммаҳо солҳои таҳлилшаванда гуногун мебошанд (дар баъзе ҷадвалу диаграммаҳо то соли 2022 ва дар баъзе ҳолат то соли 2023 таҳлил гаштаанд) ва хуб мешуд агар давраи таҳлилшаванда солҳои муайянро дар бар мегирифт. Инчунин, баъзе аз расмҳо ва ҷадвалу диаграммаҳо, ки бояд дар боби дуюм мавриди таҳлил қарор дода мешуд, аммо дар боби сеюм таҳлил гардидааст ва кори таҳқиқотӣ сифатан беҳтар мегардид агар онҳо дар бобҳои дигар таҳлил мегардиданд.

4. Ба манфиати кор мешуд агар дар диссертатсия доир ба таҷрибаи хориҷии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таҳқиқот гузаронида мешуд ва истифодаи ҷанбаҳои мусбии он барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

5. Муаллиф дар таҳқиқоти илмии худ хавфҳои муосири сармоягузорӣ ва таъсири онҳо ба сармоягузориро арзёбӣ намудааст, аммо муаллифро мебоист хавфҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, махсусан хавфҳои муосири

сармоягузориро дар алоҳидагӣ муайян мекард, ки ин сифати таҳқиқотро беҳтар менамуд.

Тавре дар оғози хулоса баён намудаем норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии раванди сармоягузорӣ ва маблағгузории онро дар шароити муосир ифода менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, муовини директор оид ба
сиёсати ҷавонон Филиали ДМТТ “МИСИС”
дар шаҳри Душанбе Салиева Ҳ.Ш.

Имзои Салиева Ҳ.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК Филиали ДМТТ “МИСИС”
дар шаҳри Душанбе Зарипова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев, 7 Филиали ДМТТ “МИСИС” дар шаҳри Душанбе
Тел.: +992 933232222, E-mail: shilola.86@mail.ru, Сомона: http://df.misis.ru